**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

«23» 11 2018 с. ш. Душанбе № 760 б/з

«Дар бораи Дастурамал оид ба амалигардонии чорабиниҳо дар самти муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар байни ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд»

Ҷиҳати амалигардонии чорабиниҳо оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, дар ин замина таъмини ҳифзи саломатии шаҳрвандон ва ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилӣ, мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ ба талаботи Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дар асоси банди 12 Низомномаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №592 тасдиқ гардидааст,-

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Дастурамал оид ба амалигардонии чорабиниҳо дар самти муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Сардорони Сарраёсат, Сармарказ, Сарситод, раёсатҳо, хадамот, марказҳо ва шуъбаҳои мустақили ВКД, Академия, коллеҷҳо, раёсатҳои ВКД дар вилоятҳо, шаҳри Душанбе, минтақа ва ноҳияи Рашт, шуъбаҳои ВКД дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ:

2.1. Дастурамали мазкур дар байни ҳайати шахсӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, аз натиҷаи омӯзиш санҷиш қабул карда шавад.

2.2. Дар доираи талаботи барномаҳои давлатӣ, миллӣ ва минтақавии таъмини амнияти санитарию эпидемиологӣ ва таҳкими саломатии аҳолӣ, пешгирии бемориҳо ва солимгардонии муҳити зист ҳамкории судманди байниидоравӣ бо мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва муассисаву ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти амалигардонии чорабиниҳо оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) ба роҳ монда шавад.

3. Назоратбарии иҷрои талаботи Фармоиши мазкур ба зиммаи роҳбарони аввали ҷузъу томҳо ва Раёсати тиббии ВКД вогузор карда шавад.

4. Фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2015, №35 б\з «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал оид ба тартиби амалигардонии пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) дар байни ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд» аз эътибор соқит дониста шавад.

5. Фармоиши мазкур ба ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шавад.

Вазир
генерал-полковники милитсия Р. Раҳимзода

Бо Фармоиши ВКД
№760б/з аз «23»ноябри с.2018
тасдиқ карда шудааст.

# ДАСТУРАМАЛ

оид ба амалигардонии чорабиниҳо дар самти муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд

## 1. Қоидаҳои умумӣ

1. Дастурамал оид ба амалигардонии чорабиниҳо дар самти муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд (минбаъд Дастурамал), бо истифода аз таҷрибаи пешқадами самти фаъолияти мазкур барои ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми корбарӣ бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ таҳия гардидааст.

2. Дастурамали мазкур чорабиниҳоро дар самти муқовимат, пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам, бемории пайдошудаи норасоии масуният, ба вуҷуд овардани фазои бехавф ва мусоид барои иштироки намояндагони гурӯҳи аҳолии нисбатан осебпазир ба ВНМО тибқи барномаҳои муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният барои гурӯҳҳои осебпазир ва махсуси аҳолӣ ва пастгардонии зарари марбут ба истифодаи моводи мухаддир, бахусус дар байни наврасон ва ҷавонон пешбинӣ менамояд.

3. Асосҳои ҳуқуқии амалигардонии чорабиниҳоро дар самти муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, Дастурамали мазкур, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати корҳои дохилӣ ташкил медиҳанд.

4. Дастурамали мазкур барои баланд бардоштани донишу малакаи касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар самти ҳифзи худ ва

дигар шаҳрвандон аз вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният ҳамчун санади роҳнамо пешбинӣ гардида, бо мақсади амалӣ намудани муқаррароти Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният равона гардидааст.

## 2. Заминаву асосҳои сироят ёфтан ба вируси норасоии масунияти одам ва гирифтори бемории пайдошудаи норасоии масуният гардидан

5. Вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) системаи масуниятро вайрон намуда, ҳамзамон қобилияти зидди сироятшавии бадани одамро заиф мегардонад. Беморие, ки вируси норасоии масунияти одам ба вуҷуд меорад, сирояти ВНМО ном дорад. Тарзу усулҳои ягона барои муайян намудани бемории сирояти ВНМО дар одам, ин санҷиши махсуси хун (ташхиси ВНМО) мебошад, ки дар он ҷисмҳои бегонае (антителаҳо), ки организм ҳангоми муқобилият пайдо намудааст, муаяйн мегарданд. Шахсе, ки баъди гузаронидани санҷиши хун дар ӯ натиҷаи мусбӣ муайян мегардад, «ҳомили ВНМО» ё «шахси бо ВНМО зиндагикунанда» ном бурда мешавад.

6. Ташхиси сирояти вируси норасоии масунияти одам на худи вирусро, балки «ҷисмҳои бегона» (антителаҳо)-ро, ки системаи муҳофизатӣ барои зиддият ба вирус истеҳсол мекунад, муайян мекунад. Барои ҳосил намудани миқдори кофии ҷисмҳои бегона дар бадани инсон аз 2 ҳафта то 3 моҳ (дар алоҳида то 6 моҳ) лозим аст, ки дар ин муддат ташхис сирояти ВНМО-ро муайян намояд. Ин вақти ҷудошударо «марҳилаи ноаёнӣ» меноманд.

7. Ҳангоме, ки натиҷаи манфии ташхиси ВНМО ба даст меояд, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки 3 моҳ пеш дар хуни шахс ВНМО пайдо нагардидааст. Дар «марҳилаи ноаёнӣ» шахси мубталои ВНМО метавонад ба дигар шахсон сироят кунад, чунки миқдори вирус дар организм бениҳоят зиёд пайдо гардида, боиси хатари баланд машавад.

8. Бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) марҳилаи охирини инкишофи сирояти ВНМО мебошад. Бо гузашти вақт, вируси норасоии масунияти одам системаи масуниятро то он дараҷае вайрон мекунад, ки он инсонро аз сироятшавии дигар касалиҳо муҳофизат карда наметавонад (сил, бемориҳои шадиди бактериалӣ, пневмонияи пневмосистӣ ва ғайра). Ин ҳолат бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) (СПИД) ном дорад. Ба ҳисоби миёна БПНМ пас аз 8-10 соли гирифтории сирояти ВНМО инкишоф меёбад. Ҳаракати инкишофи беморӣ аз хусусиятҳои фардии бадан ва бештар аз

тарзи бурдани ҳаёт ва муоличаи дахлдор вобастагӣ дорад.

9. Сирояти ВНМО бо воситаҳои зерин ба дигар шахс сироят мекунад:

- хун;
- оби манӣ (сперма);
- моеъи маҳбал (маҳбал – даромадгоҳи узви таносули зан);
- шири модар.

Вируси норасоии масунияти одам ба воситаи дигар моеъҳои бадани инсон ба дигар шахс сироят намеёбад (ба монанди оби даҳон, арақи бадан, оби дида, пешоб ва ғайра). Аммо агар дар ин моеъҳо хун дида шавад, хатари сироят пайдо мешавад.

10. Ба сирояти вируси норасоии масунияти одам мавҷудияти «даромадгоҳи инфексия» мусоидат мекунад. Инҳо вайроншавии пӯст ва пардаҳои луобдор (ҷароҳат, захм, шикофии пӯст) мебошанд, ки ВНМО метавонад ба бадан ворид гардад. Бахусус, хавфи сироятшавӣ ҳангоми мавҷуд будани бемориҳое, ки тавассути алоқаи ҷинсӣ мегузаранд (минбаъд БТҶГ) зиёд мегардад.

11. Ҳолатҳое, ки сирояти ВНМО ба дигар кас мегузарад, инҳо мебошад:

- ҳангоми гузаронидани хуни сироятёфта;
- ҳангоми истифодабарии сӯзандоруҳои тамъизнашуда ва дигар таҷҳизоти тарзи тазриқӣ (якҷоя истифодабарии маводи мухаддир бо як сӯзандору);
- алоқаи ҷинсии (маҳбалӣ, даҳонӣ ва мақъадӣ) беҳимоя (бе истифодаи рифола);
- ҳангоми истифодабарии таҷҳизотҳои тамъизнашуда барои вашмкунӣ ва/ё холкӯбӣ (сӯрох кардан);
- ҳангоми истифодабарии лавозимотҳои риштарошии бегона ва чуткаҳои дандон, ки дар онҳо боқимондаи хун буда метавонад;
- аз модари сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам ба кӯдак ҳангоми ҳомиладорӣ, таваллуд ва синамакконӣ.

12. Дар чунин ҳолатҳо ВНМО ба дигар кас сироят намекунад:

- ҳангоми дастфишурдан, ба оғӯш гирифтан ва бӯсидан;
- ҳангоми сулфа ва атса задан;
- ҳангоми тайёр намудан ва истеъмоли хӯрок;
- ҳангоми истифодабарии зарфҳои умумӣ, табақу коса, дастпоккунак ва рахти хоб;
- ҳангоми истифодабарии мабразхона ва ҳаммом;
- ҳангоми якҷоя ба варзиш машғул шудан;
- ҳангоми дар як ҷо ё бино будан бо шахси мубталои ВНМО;
- ҳангоми газидани ҳашарот ё ҳайвонот.

13. Чораҳои пешгирии сирояти ВНМО аз инҳо иборат мебошанд:

- истифода набурдани маводи мухаддир ё роҳ надодан ба

истифодабарии маводи мухаддир бо роҳи тазриқӣ;

• истифода набурдани сӯзандоруҳои тамъизнашуда ва ё дигар лавозимоти тазриқӣ;

• истифода бурдани рифола ҳангоми ҳар як алоқаи ҷинсӣ (Замимаи №1);

• истифода бурдани лавозимоти тамъизшуда ҳангоми вашмкунӣ, сӯрох кардани гӯшҳо ва дигар қисмҳои бадан;

• роҳ надодан ба алоқа бо хун ва маводҳое, ки хунолуданд;

• танҳо лавозимоти гигиенаи шахсии нав ё худро истифода бурдан (лавозимотҳои риштарошӣ, чӯткаи дандоншӯӣ).

14. Бемории ВНМО (БПНМ) агар табобатнашаванда бошад ҳам, аммо идорашаванда мебошад. То ҳол имконияти пурра муолиҷа кардани инсон аз сирояти вируси норасоии масунияти одам маълум нест, вале доруҳои махсусе мавҷуд ҳастанд, ки ба инкишофёбии вирус ва гузариши он ба давраи БПНМ (СПИД) монеъа мегарданд. Дар натиҷаи муолиҷа инсон худро бардам ҳис намуда, умри ӯ тадриҷан дарозтар мегардад. Ин муолиҷа муолиҷаи зиддиретровирусӣ буда, беморон тамоми умр онро истеъмол менамоянд. Ҳангоми пурра риоя намудани нақшаи муолиҷа сатҳи вирус дар организм кам шуда, сатҳи ҳуҷайраҳои иммунии “СД-4” зиёд мешаванд ва хатари сирояти вируси норасоии масунияти одам ҳам кам мегардад.

## 3. Пешгирии баъдиалоқавии сирояти ВНМО

15. Алоқаи касбӣ - ин тамос бо хун ва дигар маҳлулҳои биологиест, ки дар натиҷаи расидани онҳо ба болои пӯст, луобпардаҳо ва пӯсти зарардида ҳангоми иҷрои амалиёти вазифаҳои хизматӣ ба вуқӯъ меоянд. Хавфи сироят шудан бо ВНМО ин захмӣ шудан бо асбобҳои тези чиркин (ҷароҳат, ҷои кафида, ҷои харошида) ё пардаи луобӣ шуда метавонад. Корманди мақомоти корҳои дохилӣ дар мавриди иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавии худ ба хавфи сироятшавӣ бо ВНМО рӯ ба рӯ шуда метавонад (масалан, ҳангоми боздошт, кофтуков, гирифтани далели шайъӣ, расонидани ёрии аввалини тиббӣ). Бинобар ин, кормандро зарур аст, ки аз Қоидаҳои бехатарӣ аз сироятёбии ВНМО дар ҷои кор истифода барад (Замимаи №2).

16. Пешгирии баъдиалоқавӣ, ин меъёри тиббиест, ки барои пешгирӣ аз инкишофи сироят баъди эҳтимолияти тамос бо барангезандаҳои касалиовар равона карда шудааст. Дар вобастагӣ бо вируси норасоии масунияти одам пешгирии баъдиалоқавӣ маънои доираи васеи хизматрасониҳоро барои пешгирӣ намудани сироятшавии ВНМО баъди тамос бо барангезандагони зикршударо дорад. Ин хизматрасониҳо - ёрии аввалин, машварат ва баҳодиҳӣ ба хатар,

гузаронидани ташхис оиди ВНМО баъди гирифтани розигии шахс вобаста аз хатари баҳододашуда, пешниҳоди давраи кӯтоҳи муоличаи (28 рӯз) табобати зиддивирусӣ (АРТ) бо расонидани кумак ва идома додани назоратро дар бар мегиранд. Тамоми чорабиниҳои гузаронидани пешгирии баъдиалоқавии сирояти ВНМО ройгон мебошанд.

Ҳангоми таъин кардани пешгирии баъдиалоқавӣ сирояти ВНМО розигии хаттии зарардида барои ин кор талаб карда мешавад. Қабули қарорро оид ба табобати зиддивирусӣ мутахассиси дахлдори Маркази пешгирӣ ва мубориза зидди бемории ВНМО ба ӯҳда дорад (суроғаи марказҳои пешгирӣ ва муборизаи зидди СПИД дар замимаи №3).

17. Ёрии аввалин баъди имкони тамос доштан бо ВНМО ин амалест, ки пас аз алоқа бояд дарҳол расонида шавад. Мақсад аз кам кардани вақти тамос бо маҳлулҳои биологии сироятшуда (аз ҷумла бо хун) ва бофтаҳо. Инчунин дуруст ва ба зудӣ безарар намудани ҷои тамос ҳам хатари сироятшавиро кам мекунад.

18. Дар ҳолати захмбардорӣ аз сӯзан ё дигар таҷҳизоти тез амалиётҳои зеринро бояд иҷро кард:

• дарҳол ҷои зарардидаро бо собун шӯед;

• ҷои захмро дар зери оби равон нигоҳ доред (якчанд дақиқа ё то лаҳзае, ки хунравӣ қатъ нагардад), то ба хун аз захм имкони озодона ҷорӣ шуданро диҳед;

• дар ҳолати набудани оби равон ҷои захмбардоштаро бо малҳам ё маҳлули дастшӯӣ безарар гардонед;

• истифодаи моводи таъсирашон қавӣ, ба монанди спирт, маҳлулҳои сафедкунанда ва йод мумкин нест. Чунки онҳо ба қисмати болоии ҷои захм осеб расонида, ҳолати захмро бадтар карда метавонанд;

• фишурдан, молидан ва харошидани ҷои осебдида мумкин нест;

• маккидани хун аз захмча, ки аз таъсири сӯрохшавӣ монда бошад, мумкин нест.

19. Дар ҳолати пош хӯрдани хун ё дигар маҳлулҳои биологӣ бояд чунин рафтор намуд:

**1) ҳангоми пошхӯрӣ ба пӯсти осебнадида:**

• дарҳол ҷои хунпошхӯрдаро шӯед;

• дар ҳолати набудани оби равон ҷои захмбардоштаро бо малҳам ё маҳлули дастшӯӣ безарар гардонед;

• истифодаи моводи таъсирашон қавӣ, ба монанди спирт, маҳлулҳои сафедкунанда ва йод мумкин нест.

• маводҳои камқувваттари безараргардонандаро аз қабили маҳлули хлоргексидин глюконати 2-4% истифода намоед;

• ҳангоми пошхӯрӣ ба пӯсти осебнадида ҷои алоқаро баста мондан, молиш ё фишор додан мумкин нест.

**2) Ҳангоми расидани маҳлул ба чашм:**

- дарҳол чашмро бо об ё маҳлули физиологӣ шӯед, нишаста, саратонро ба қафо партофта, аз ҳамкасбатон хоҳиш кунед, ки оҳиста ба чашматон об ё маҳлули физиологиро рехта истад, то ки об ё маҳлули физиологӣ аз зери милки чашмонатон шорида истад ва шумо ҳар лаҳза милки чашмонатонро эҳтиёткорона кашиш диҳед;
- линзаҳои чашмонатонро дар вақти шустан нагиред, чунки онҳо дар айни замон девораи муҳофизатиро ташкил медиҳанд. Пас аз он, ки чашмонатонро шуста шудед, баъд линзаҳоро гирифта ба таври муқаррарӣ безарар (тамъиз) намоед (баъди ин линзаҳо барои истифода дар оянда тамоман бехатаранд).

Ҳангоми расидани маҳлул ба чашм чашмонро бо собун ва маҳлули безараркунанда шустан мумкин нест.

**3) Ҳангоми расидани маҳлул ба даҳон:**

- маҳлули ба даҳон афтидаро дарҳол туф кунед;
- даҳонро бо об ё махлули физиологӣ тоза чайқонда, туф намоед.Чайқонидани даҳонро бояд якчанд маротиба такрор намуд.

Ҳангоми расидани маҳлул ба даҳон шустани он бо собун мумкин нест.

20. Тамоми ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ бояд бо доруқуттӣ ва номгӯи зерини таҷҳизотҳо муҷаҳҳаз гардонида шаванд:

- дастпӯшакҳои тиббӣ;
- ангуштпӯшакҳо;
- часпаклента (лейкопластер);
- қайчиҳо;
- спирти этилии 70%;
- албутсиди 20-30%;
- маҳлули йодии 5%;
- маҳлули перекиси водородии 3%.

Дар ҷойи кор бояд дастурҳои методӣ ва доруқуттӣ барои расонидани ёрии аввалин ва пешгирӣ намудани ҳодисаҳои садамавӣ мавҷуд бошанд.

20. Ташхиси шахси ба тамос гирифторшуда баъди тамос (новобаста аз он, ки он дар ҷои корӣ гузаштааст ё не) фавран гузаронида мешавад. Шахси муносибаткарда бояд тезтар ба наздиктарин маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди беморимии ВНМО барои гузаштани ташхиси ВНМО ва таъин намудани курси пешгирии зиддивирусӣ равон карда шавад. Бо шахсони дар алоқабуда (муносибаткарда) бояд ҳатман пеш ва баъд аз гузаштани тест машварат гузаронида шавад.

21. Ҳуҷҷатгузории эҳтимолии алоқаи касбӣ бо вируси норасоии масунияти одам чунин сурат мегирад: Дар бораи имконияти муносибати эҳтимолӣ бо ВНМО ҳангоми адои хизмат корманди зарардида бояд ба сардори бевоситаи худ хабар дода, «Санад дар

бораи рух додани ҳодисаи нохуш ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои хизматӣ»-ро (замимаи №4) пур кунад. Корманди зарардида бояд бо санади мазкур ба муассисаи тиббии ВКД муроҷиат намояд, ки ба ӯ дар он ҷо ёрии дахлдори тиббӣ расонида мешавад.

Кормандони тиббӣ, фармасевтӣ ва дигар кормандон, ки дар вақти иҷрои вазифаҳои хизматӣ ба сирояти вируси норасоии масунияти одам гирифтор шудаанд, ба гурӯҳи бемориҳои касбӣ мансуб доништа мешаванд.

22. Шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам ва мубталои ин гуна беморӣ дорои чунин ҳуқуқҳоянд:

• муносибати инсондӯстонаи ҷамъият, ки паст задани шаъну эътибори инсонро истисно менамояд;

• талаби махфӣ нигоҳ доштани иттилоот дар бораи вазъи саломатии худ, агар шароит ва хусусияти ҳаёту меҳнати онҳо хатари сирояти ин вируси норасоии масунияти одамро ба дигарон ба вуҷуд наорад;

• ҷуброни зарари моддию маънавие, ки бинобар ифшо кардани иттилоот дар бораи ба он шахсон сироят кардани вируси норасоии масунияти одам расонида шудааст;

• фаъолияти касбӣ аз рӯи ихтисоси интихобкарда, ба истиснои кор аз рӯи ихтисосҳо ва дар вазифаҳое, ки бо рӯйхати махсус муқаррар шудаанд;

• ройгон гирифтани ҳамаи намудҳои кӯмаки тахассусӣ ва махсуси тиббӣ, аз ҷумла кӯмаки доруворӣ дар ташкилотҳои давлатии тандурустӣ;

• ҳимоя аз табъиз, аз ҷумла ҳангоми дастрасӣ ба табобат;

• иштироки фаъолона дар муайян кардани мақсадҳои табобат, аз ҷумла вақт ва тарзи табобат ва хотима ёфтани он;

• гирифтани маводи ивазкунандаи шири модар аз тарафи падару модар ё намояндагони қонунии кӯдаконе, ки аз модарони вируси норасоии масунияти одам сироятёфта таваллуд шудаанд, аз лаҳзаи таваллуд то пурра муқаррар шудани ташхиси кӯдак оид ба мавҷудияти вируси норасоии масунияти одам, бо мақсади минбаъд паст намудани хатари сироятёбӣ аз вируси норасоии масунияти одам.

Дар ташкилотҳои табобатӣ ба рад кардани қабул ва расонидани кумаки таъҷилӣ ба шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният роҳ дода намешавад.

23. Ба озод кардан аз кор, нагирифтан ба кор, ба истиснои кор аз рӯи ихтисос ва дар вазифаҳои муқаррарнамудаи номгӯи махсус, инчунин маҳдуд намудани дигар ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам, ҳамчунин маҳдуд кардан аз ҳуқуқи манзил ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои қонунии аъзои оилаи шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам роҳ дода намешавад.

24. Истифодаи шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам ба сифати объектҳои санҷиши тиббии воситаҳо ва усулҳои омӯзиши илмӣ ё раванди таълим манъ аст.

25. Табъиз дар асоси мавҷудияти сирояти вируси норасоии масунияти одам манъ аст.

26. Дар асоси сирояти воқеӣ ва ё эҳтимолии вируси норасоии масунияти одам содир намудани ҳаракати оммавӣ бо мақсади барангехтани кинаву адоват ва паҳн намудани муносибати нафратовари шахс ва ё гурӯҳи аҳолӣ манъ аст.

27. Маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсоне, ки мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният мебошанд, танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони дигар тибқи талаботи Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон раво дониста мешаванд.

28. Шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам чунин масъулият доранд:

- дидаю дониста зери хатари сироят гузоштан ё сироят кардани шахси дигар (ё якчанд шахс) бо вируси норасоии масунияти одам аз ҷониби шахсе, ки ба сирояти вируси норасоии масунияти одам гирифтор буданашро медонад, манъ аст;
- шахси гунаҳгор инчунин зарареро, ки бинобар расонидани кӯмаки тиббӣ ва иҷтимоӣ ба шахси сироятшуда расондааст, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн мекунад.

## 4. Пешгирии ВНМО дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ

29. Тибқи моддаи 172 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти дахлдори иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ, дар якҷоягӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ барномаҳои муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуниятро барои гурӯҳҳои осебпазир ва махсуси аҳолӣ бо хатари бештари сироятёбӣ аз вируси норасоии масунияти одам ва инчунин барои кӯдакони бесарпараст таҳия ва татбиқ менамоянд.

30. Ҳадафи асосии Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам барои солҳои 2017-2020 ин дастрасии баробар ва умумии аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифат оид ба пешгирӣ, табобат, нигоҳубин ва дастгирӣ вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам буда, дар худ самтҳои афзалиятнок ва

натиҷаҳоро дар сатҳи ҷумҳурӣ доро мебошад.

31. Ду самти афзалиятноки пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам мавҷуд мебошад:

1) Паст намудани сатҳи паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ;

2) Беҳтар намудани дарёфти саривақтии сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам дар байни гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ва осебпазири аҳолӣ.

32. Осебпазирӣ нисбати сирояти ВНМО рафторе мебошад, ки хавфи сироятшуданро дорад, масалан, истифодаи маводи мухаддир бо роҳи тазриқӣ ва алоқаи ҷинсии ҳифзнашуда бе истифода аз рифола.

33. Ба гурӯҳи аҳолии осебпазир нисбат ба сирояти вируси норасоии масунияти одам пеш аз ҳама инҳо дохил мешаванд:

• истифодабарандагони маводи мухаддир ба воситаи асбобҳои тазриқӣ;

• мардоне, ки бо ҳамҷинсҳои худ алоқа доранд;

• заноне, ки бар ивази пул хизматрасонии шаҳвонӣ мерасонанд.

34. Яке аз сабабҳои асосие, ки ин гурӯҳи аҳолӣ сироят меёбанд, ин барои гирифтани маълумот ва ёрӣ муроҷиат накардани онҳо ба муассисаҳои тиббӣ мебошад. Дар натиҷа қисми зиёди намояндагони гурӯҳи осебпазири аҳолӣ асосҳои пешгирии ВНМО-ро намедонанд, муҳим будани азназаргузаронии ВНМО ва бемориҳое, ки ба тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда, истифодабарии сӯзандоруҳои тамъизшуда барои тазриқ ва рифола ҳангоми алоқаи ҷинсиро дарк намекунанд.

35. Чораҳои нисбатан самарабахши пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар байни намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ инҳоянд:

• пешниҳоди иттилоот оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам;

• дастрасии истифодабарандагони маводи мухаддир ба асбобҳои тамъизшудаи тазриқӣ (сӯзандорӯ ва ғайра);

• дастрасӣ ба рифолаҳои сифатнок.

36. Кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар мавриди иҷрои ӯҳдадориҳои хизматӣ вазифадоранд:

• ба намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ оид ба пешгирии ВНМО маълумот пешниҳод намоянд (додани маводи иттилоотии аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва муборизаи зидди бемории пайдошудаи норасоии масуният ба тасвибрасида);

• ба самъи намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ расонидани маълумот оид ба фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои

ҷамъиятие, ки дастрасӣ ба асбобҳои тазриқии таъмизшуда, табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон, табобати бемории нашъамандӣ, рифола, барномаҳои мутобиқшавии иҷтимоии нашъамандон ва дигар барномаҳои марбут ба пешгирии ВНМО ва БПНМ-ро пешниҳод менамоянд ва барои равона намудани гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба хизматрасониҳои профилактикӣ, тиббӣ ва иҷтимоӣ роҳхат медиҳанд (замимаҳои №3, №5 ва 6);

• ташкил ва мунтазам гузаронидани вохӯриҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар маҳалҳо бахри беҳтар намудани ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирии ВНМО дар байни гурӯҳҳои осебпазир.

37.Воҳидҳои дахлдори ВКД метавонанд ҳангоми зарурат бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳамкорӣ дар самти пешниҳод намудани хизматрасониҳои профилактикӣ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ созишнома банданд (замимаи №7).

38. Бо мақсади фароҳам овардани шароитҳое, ки намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба барномаҳои пешгирии ВНМО дастрасӣ пайдо менамоянд, бояд қоидаҳои зеринро риоя намоянд:

• ба поймол намудани ҳуқуқҳои намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, дағалӣ, амалҳо ва суханҳое, ки шаъну шарафи онҳоро таҳқир мекунанд, роҳ надиҳанд, бо онҳо хушмуомила ва бодиққат бошанд, ҳеҷ гуна ҳисси бадбинӣ зоҳир накарда, дар ҳама гуна ҳолатҳо оромӣ ва таҳаммулро нигоҳ доранд;

• ҳангоми мурочиат шаҳодатномаи хизматиро нишон дода, вазифа, рутба ва худро муаррифӣ намуда, сабаб ва мақсади мурочиат намуданро фаҳмонад;

• дар мавриди мавҷуд будани асос барои санҷиши ҳуҷҷатҳои намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ протоколи дахлдор тартиб дода, бо ҳуҷҷатҳо бо эҳтиёт рафтор намоянд, пас аз санҷидан онҳоро ба соҳибонашон баргардонанд;

• ба амалҳое, ки ҳуқуқҳои махрамияти ҳаёти шахсиро вайрон мекунанд, роҳ надиҳанд, махфӣ нигоҳ доштани маълумотеро, ки дар рафти амалӣ намудани ӯҳдадориҳои хизматӣ маълум мегарданд, таъмин намоянд, бо мақсади ба даст овардани далелҳо нисбат ба шахсоне, ки мубталои истифодаи маводи нашъадор мебошанд, истифода набаранд;

• боздошти беасос (бе далелҳои нокифоя ҷамъовардаи исботкунандаи гуноҳи онҳо) ва азназаргузаронии шахсии намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва иштирокчиёни барномаҳои пешгирии сирояти ВНМО ва паст кардани зарарро вобаста ба истифодаи нашъа амалӣ нанамоянд;

• дар ҷойҳои ҷойгиршавии муассисаҳое, ки барномаҳои пешгирии сирояти ВНМО ва паст кардани зарар вобаста ба истифодаи нашъаро амалӣ менамоянд, инчунин ҳудуди гирду атрофи онҳо амалиёте,

ки ба кори мӯътадили онҳо халал мерасонад, нагузаронанд (ғайр аз ҳолатҳое, ки агар дар ин муассисаҳо ғайриқонунӣ маводи мухаддир фурӯхта шавад).

39. Кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бояд малакаи расонидани ёрии таъҷилии тиббиро дар мавриди аз меъёр зиёд истеъмол намудани маводи мухаддир, инчунин дигар ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ таҳдид мекунанд, дошта бошанд (замимаи № 8).

40. Бо назардошти эҳтиёҷот, барои омӯзиши иловагӣ ба Вазорати корҳои дохилӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, имконияти ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои муштараки омӯзишӣ дар мавзӯи «Сирояти ВНМО ва роҳҳои пешгирӣ» барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дода мешавад.

41. Кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми амалигардонии чорабиниҳо оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ аз луғати истилоҳоти замимагардида истифода баранд. (замимаи №9).

42. Дар ҳолати риоя накардани талаботи Дастурамали мазкур тибқи қонунгузорӣ кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба ҷавобгарӣ ҷалб карда мешаванд.

Замимаи №1

Ба «Дастурамал оид ба тартиби амалигардонии чорабиниҳо оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд»

**Қоидаҳои истифодабарии рифола**

1. Бастаро боэҳтиёт кушоед, то ки рифола зарар набинад. То ба тан кардан рифоларо ҳамвор накунед;
2. Нӯги рифоларо фишурда, онро ба сари узви таносули мардонаи (олоти мардонаи) тарангшуда кашед;
3. Фишурдани нӯги рифоларо идома дода онро то охири олоти мардона ҳамворкунон ба тан намоед;
4. Доимо рифоларо пеш аз оне, ки бевосита алоқа мекунед, ба бар намоед;
5. Пас аз баромадани оби манӣ рифоларо аз ҳалқа дошта, олоти мардонаро пеш аз сустшавияш кашида гиред;
6. Оби маниро нарезонда рифоларо гиред;
7. Рифоларо баста онро ба қуттии ахлот партоед.

Замимаи № 2

Ба «Дастурамал оид ба тартиби амалигардонии чорабиниҳо оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд»

## Қоидаҳои бехатарӣ дар ҷои кор

1. Чунин ҳолатҳо метавонад хатари сироятро ба ВНМО ҳангоми алоқа бо сӯзандору ба миён биёрад:

- сӯзанзанӣ (укол) ё расонидани осеб ба воситаи ҳама гуна ашёи тез, ки дорои боқимондаҳои хуни шахси сироятшуда гардад, метавонад боиси сироятшавӣ бо вируси норасоии масунияти одам, гепатитҳои вирусии «В» ва «С», ҳамчунин баъзе бемориҳои сирояткунандаи дигар гардад;
- ҳангоми дастгиркунӣ ё кофтукови шахсии гумонбаршуда, ки аксар вақт тазриқӣ сӯзандоруро барои истеъмоли маводи мухаддир бо худ гирифта мегарданд, эҳтиёт намоянд, зеро онҳо на ҳамеша қисмати болопӯши сӯзани онро маҳкам менамоянд;
- ҳангоми дастгиркунӣ ё кофтукови шахсии гумонбаршуда муайян гардад, ки онҳо дар ҷайбашон сӯзандору доранд, дастро аз қисмати берунии ҷайб аз боло ба поён баред, то хатари ҷароҳат бардоштан пешгирӣ карда шавад;
- агар аз шахси нашъаманди дастгиршуда сӯзандоруи холӣ (тоза ё истифодашуда) дарёфт шуд, онро гирифтан лозим нест. Агар шахси мубталои нашъамандиро, ки маводро бо роҳи тазриқӣ истифода мекунад, аз сӯзандоруи худаш маҳрум созед, эҳтимол ӯ аз сӯзандоруи бегона истифода намояд.

2. Қоидаҳои пешгирӣ аз сирояти ВНМО ва гепатитҳои «В» ва «С» дар ҷои корӣ.

Ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбӣ корманди мақомоти корҳои дохилӣ метавонад бо хун ё дигар маҳлулҳои бадан алоқа дошта бошад. Чунин алоқамандӣ метавонад ҳамеша хатари сироятро ба вируси норасоии масунияти одам, гепатитҳои вирусии «В», «С» ва «D», ҳамчунин оташак (сифилис) пеш орад.

Барои бехатарии худ дар чунин ҳолатҳо ба таҷрибаи кори духтуроне рӯ овардан лозим аст, ки онҳо хеле зиёд ба маҳлулҳои биологии бадани беморон муносибат доранд.

Духтурон дар фаъолияти худ ба ҳар як бемор ба хотири бехатарии саломатии худ бояд чунон рафтор кард, ки гӯё ӯ аз ВНМО ё гепатит сироятшуда бошад.

Ин тарзи кор барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ низ ҳангоми боздошти фаврӣ ё расондани кӯмак ба шахси хуншор пурра қобили қабул аст. Риояи ин талабот қисми муҳими пешгирии сироятшавиро ташкил медиҳад, зеро дар аксари ҳолатҳо муайян сохтани он, ки шахси боздоштшуда ба ягон бемори сироят

шудааст ё не, хеле душвор аст.

Шумо ба он чизе, ки дуруст дида наметавонед, беҳтараш даст нарасонед. Ҳангоми кофтукови қисмати болоии ашёҳое, ки дуруст дида наметавонед, мумкин аст ҷароҳат бардоред. Ҳамчунин, ҳангоми аз назар гузаронидани ҷайб (киса)-ҳо дастатон метавонад ба ягон ашёи тез бархӯрда ҷароҳатнок шавад. Агар дар ин ашё боқимондаҳои хун бошад, эҳтимоли сироятшавӣ низ мавҷуд аст.

Пеш аз даст расонидан ба қисми поёнии рӯи миз ё дигар ашёе, ки дуруст дида намешавад, аввал онро хуб аз назар гузаронед. Ин корро ба воситаи чароғак ё оина иҷро кардан мумкин аст.

Ҳангоми азназаргузаронии ҷайбҳо аввалан аз шахси боздоштшуда хоҳиш бояд кард, ки ҳамаи чизҳои дар ҷайб доштаашро худаш берун бароварда, дар охир худи кисаҳоро берун кунад. Танҳо баъди ҳамин ба тафтиши бевосита метавон шурӯъ кард.

3. Ҳангоми гузаронидани тафтиш ва расидан ба ашёҳои шахсони дигар аз воситаҳои ҳифзкунандаи дастон истифода баред. Ҳангоми тафтиш, ки алоқаро бо пӯст ва пардаҳои луобии (ковокии даҳон ва маъқад) шахси боздоштшуда талаб мекунад, истифодаи ҳатмии дастпӯшакҳои латексӣ зарур аст. Ҳамчунин, агар дар асбобу анҷом ва либосҳои шахси бегона доғи хун ва доғҳои дигар намоён бошанд, ҳангоми тафтиш аз дастпӯшакҳо истифода бояд кард.

4. Захмро (ҷароҳатҳоро) пӯшонед ва табобат кунед.

Агар пӯсти даст, рӯй ва гардани шумо ҷароҳат ё дигар осебҳо (варам, доғҳо) дошта бошанд, онҳоро ҳатман бояд бо дока ё пластир рӯйпӯш кард. Тамоми ҷароҳатҳои пӯст ва пардаҳои луоб бояд ҳарчӣ зудтар муолиҷа карда шаванд.

5. Пешгирии сироятёбӣ дар сурати ногаҳон расидани дастҳо ва ё узвҳои дигар ба асбобҳо ва ё луобҳои сироятӣ.

Дар ҳолати сӯзанзанӣ ё ҷароҳатбардорӣ аз ашёҳои тез ва пасмондаи шишапораҳои аз дорувор монда ва ғайра чунин амалҳоро ба ҷо оред:

- дар ҳолати захмбардорӣ дастпӯшакҳоро кашида, ҷойҳои ба гумонатон аз маҳлулҳои баданӣ сироятёфтаро бо об ва собун покиза шӯед;
- он қисмати пардаҳои луобиро, ки шояд ба манбаи инфексия расида олуда шуда бошанд, бо об шӯед;
- дар ҳолати ба чашм афтидани луобҳои сироятӣ онро бо об ё маҳлули намакдор шустан лозим;
- барои тоза кардани захм аз ишқор, антисептикҳо ва маводи безарагардонанда истифода кардан мумкин нест;
- пешгирии химиявӣ ба воситаи доруворихои зиддивирусӣ гузаронида мешавад;
- пешгирии химиявиро на дертар аз 36 соат баъди алоқамандӣ гузаронидан лозим аст. Давомнокии табобат аз 28 рӯз набояд кам бошад;
- корманд пас аз захмбардорӣ бояд дар муддати 6 моҳ таҳти назорат бошад ва ташхисро вобаста ба ВНМО гузарад.

Замимаи №3
Ба «Дастурамал оид ба тартиби амалигардонии чорабиниҳо оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд»

**Суроғаи марказҳо оид ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ш. Душанбе**

1. ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 48. Тел: (+992 37) 234-22-24, 234-34-42.
2. ш. Душанбе, кӯчаи А.Навоӣ, 5/7. Тел: (+ 992 37) 236-30-47, 236-26-32.

**Вилояти Хатлон (минтақаи Бохтар).**

1. ш.Бохтар, кӯчаи С.Айнӣ, 90. Тел.: (+992 23222) 2-42-32.
2. н. Дӯстӣ, кӯчаи Гулобод. Тел.: (+992 3248) 2-15-92.
3. н.Шаҳритуз, кӯчаи А.Зиёдалиев, 2. Тел.: (+992 3240) 2-16-24.
4. н. Хуросон, кӯчаи С.Караев. Тел.: (+992 3242) 2-20- 23.
5. н. Қӯшониён, шаҳраки И.Сомонӣ, кӯчаи И.Сино. Тел.: (+992 3245) 2-13-92.
6. ш.Ёвон, кӯчаи Меҳвар, 25. Тел.: (+992 23141) 2-22-77.
7. н. Ҷ.Балхӣ, кӯчаи Пушкин, 2. Тел.: (+992 3247) 4-54-01.
8. ш.Леваканд, кӯчаи Н.Абдуллоев , 31. Тел.: (+992 3250) 6-11- 32.
9. ш.Норак, кӯчаи Яҳё Мирфозилов, 1. Тел.: +992 93 531 72 38.
10. н. Вахш, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, 24. Тел.: +992 93 555 32 66.
11. н. А.Ҷомӣ, кӯчаи Сомониён, 52. Тел.: +992 909 19 20 59.
12. н. Қубодиён, кӯчаи И.Сомонӣ, 13. Тел.: +992 934 80 06 00.
13. н.Ҷайхун, кӯчаи И.Сомонӣ, 2. Тел.: +992 934 50 77 22.
14. н.Панҷ, кӯчаи Рӯдакӣ, 1. Тел.: +992 938 08 82 50.
15. н. Н.Хусрав, кӯчаи Лоиқ Шералӣ. Тел.: (+992 3258) 2-26-00.

**Вилояти Хатлон (минтақаи Кӯлоб)**

10. ш. Кӯлоб, кӯчаи Борбад, 40. Тел: (+992 3322) 3-23-19.
11. ш. Кӯлоб, кӯчаи Борбад, 4. тел: (+ 992 3322) 2-01-53 (маркази шаҳрӣ).
12. н. Фархор, кӯчаи С. Махмадиев, 8Тел: (+ 992 3316) 26-96.
13. н. Восеъ, кӯчаи Н. Қарабоев, 22. Тел: (+ 992 3311) 2-27-41.
14. н. Данғара, кӯчаи Киров, 34. Тел: (+ 992 3312) 2-27-03.

15. н. Мӯминобод, кӯчаи А. Партоев. Тел: (+ 992 3318) 2-17-89.
16. н. Ш. Шоҳин, шаҳрчаи Шӯробод. Тел: (+992) 93 752 64 78.

**Вилояти Суғд**
17. ш. Хуҷанд, 34 мкр., бинои Хадамоти санитарию эпидемиологии вилоятӣ, Тел: (+992 3422) 5-25-15, 5-63-27.
18. ш. Хуҷанд, кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев, 2. Тел: (+992) 92 774-89-10.
19. ш. Исфара, кӯчаи Б. Маҳкамов, 7. Тел: (+992 3462) 23063, 92 7329081.
20. ш. Истаравшан, кӯчаи Гагарин, 6. Тел: (+ 992) 92 7607889.
21. ш. Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ, 157. Тел:(+992 3475) 3111, 927651950.

**Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

22. ш. Хоруғ, кӯчаи Абдураҳмон, 60 Тел: (+992 3522) 2-64-81.
23. н. Мурғоб, кӯчаи Ош, 1.Тел: (+9923554) 2-12-20, 93-523-96-65.
24. н. Рушон, ҷамоати деҳоти Вомар, кӯчаи Ленин, 7. Тел: (+992 3556) 2-17-70.
25. н. Ишкошим. Тел: (+992 3553) 2-10- 90.
26. н.Шуғнон, ҷамоати деҳоти Поршенев, к. Хоса . Тел: (+992) 93-543-48-84.
27. н. Дарвоз, деҳаи Қалайхумб. Тел: (+992 3552) 21483.
28. н. Ванч, Тел ( +992 3555) 2-17-83, 93-458-64-65.
29. ш. Хоруғ (маркази шаҳрӣ), кӯчаи Айнӣ, 25. Тел (+992 3522) 2-57-77.

**Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**

30. н. Рӯдакӣ, ҷамоати Чоргултеппа, д. Зарнисор. Тел: (+992 3137) 22-2-42.
31. ш.Вахдат, кӯчаи 20 солагии Истиклолият, 39. Тел: (+992 3136) 2-70-39.
32. н. Турсунзода, кӯчаи А.Дониш, 134. Тел: (+992 3130) 2-80-83, 2-88-51.
33. н. Ҳисор, кӯчаи М. Турсунзода, 5. Тел: (+992 3139) 25-9-48.
34. н. Шаҳринав, кӯчаи И. Сомонӣ, 121. Тел: (+992 3155) 31-4-66.
35. н. Рашт, кӯчаи С. Бурхон, 9.
36. н. Роғун, кӯчаи Норакиён, 74.
37. н. Тоҷикобод, кӯчаи М. Идиев.Тел: (+992 3154) 21-2-29.
38. н. Нуробод, кӯчаи Р. Розиқов, 13. Тел: (+992 3133) 30-1-72.
39. н. Лахш, кӯчаи Сомонӣ, 18. Тел: (+992 3031) 22-2-75.

Замимаи №4

Ба «Дастурамал оид ба тартиби амалигардонии чорабиниҳо оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд»

Ба «Дастурамал оид ба тартиби амалигардонии чорабиниҳо оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд»

«Т А С Д И Қ М Е К У Н А М»

______________________________________________

вазифа, рутба

САНАДИ №_____

дар бораи рух додани ҳодисаи нохуш ҳангоми ичрои ӯҳдадориҳои хизматӣ

______________________________________________

______________________________________________

вазифа, рутба, ном ва насаби зарардида

______________________________________________

соли таваллуд, вазифа, номгӯи мақомоти корҳои дохилие, ки ӯ адои хизмат мекунад

______________________________________________

макони ҳодисаи нохуш

Таърихи рӯз ва вақт: соати _____ рӯзи _____ _________ соли

Маълумоти муфассал оид ба ҳодисаи нохуш:

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

Сабабҳои ҳодисаи нохуш

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

Санад дар ду нусха, соати ______ рӯзи ______________ соли___________ тартиб дода шуд.

______________________________________________

______________________________________________

вазифа, рутба, ном ва насаби шахсе, ки санадро тартиб додааст

Замимаи №5

Ба «Дастурамал оид ба тартиби амалигардонии чорабиниҳо оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд»

## Суроғаҳои ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар самти ВНМО ва БПНМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд

### шаҳри Душанбе

- Ташкилоти ҷамъиятии «СПИН Плюс».

Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 9/5А.
Тел: +992 (37) 2346877, 2332729;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Гули сурх».

Суроға: н. Рудакӣ, ҷ. Колхоз Россия, к. Якатут, б.101, х. 27.
Тел: (+992 37) 2352897; 935555809; 915157170;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Имконияти баробар».

Суроға: ш. Душанбе, к. Савдо, 38А.
Тел: (+99237) 8805880, 919292424;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Вита».

Суроға: ш. Душанбе, к. Фирдавси , 5 А.
Тел: (+992 37) 2312236;.

- Ташкилоти ҷамъиятии «Марворид».

Суроға: ш. Душанбе, к.Тургенев, 52.
Тел: (+992) 917580860, 918421842;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Шабақаи Тоҷикистонии занони мубталои ВНМО».

Суроға: ш.Турсунзода, б.45, х.309.
Тел: (+992) 98 866 1900, 908006303;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Лига женщин живущих с ВИЧ».

Суроға: ш. Душанбе, к.Айни, б. 53 ҳ. 3
Тел: (+992) 985068719, 938803895;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Апейрон».

Суроға: ш. Душанбе, к. Нусратулло Махсум, х.73\3 ҳ. 59.
Тел.: (+992) 918652790.

### Вилояти Хатлон (минтақаи Бохтар)

- Намояндагии ТҶҶ «СФШҒ – Тоҷикистон» дар вилояти Хатлон.

Суроға: ш. Бохтар, кӯчаи Лоҳутӣ, х. 9.
Тел: (+992 3222) 24172;
• Ташкилоти ҷамъиятии «Фидокор».
Суроға: ш. Бохтар, кӯчаи Мирзоқодиров, х. 4.
Тел: (+992 3222) 225664, 931447007;
• Ташкилоти ҷамъиятии «Сино».
Суроға: ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67А.
Тел: (+992) 934880845, 934880849;
• Ташкилоти ҷамъиятии «Бонувони фардо».
Суроға: ш. Шаҳритус, кӯчаи Сомонӣ, 28Б.
Тел: 8324022888, 93554622;
• Ташкилоти ҷамъиятии «Фародис»
Суроға: н. А.Ҷомӣ, к. Сомониён, б.26, ҳуҷраи 6.
Тел: (+992) 918566311, 935644030;
• Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази фарҳангӣ – омӯзишии ҷавондухтарон ТОМИРИС»
Суроға: ш. Бохтар, к. Б. Гафуров, б. 46.
Тел: (+992) 988160444;
• Ташкилоти ҷамъиятии «Бонувони Панҷ»
Суроға: н. Панҷ, кӯчаи Рӯдакӣ, 39.
Тел: (+992) 900104664.

## Вилояти Хатлон (минтақаи Кӯлоб)

• Ташкилоти ҷамъиятии «Судманд».
Суроға: ш. Кӯлоб, к. Худоёр Назаров, х.7.
Тел: (+992 3322) 33690;
• Ташкилоти ҷамъиятии «Накӯкор».
Суроға: ш. Кӯлоб к.Сомонӣ 46.
Тел: (+992) 934447770;
• Ташкилоти ҷамъиятии «СВОН Плюс».
Суроға: ш. Кӯлоб, к. Ш. Шоҳин, 3/1.
Тел: (+992) 934414269;
• Ташкилоти ҷамъиятии «Имрон»
Суроға: ш. Кӯлоб, к. Н Хувайдуллоев, 5.
Тел: (+992) 918 41 48 68;
• Ташкилоти ҷамъитяии «Ҷовидон»
Суроға ш. Кӯлоб, к. Борбад 14, ҳ.26.
Тел: (+992) 904 14 70 71;
• Ташкилоти ҷамъиятии «Субҳи тандурустӣ»
Суроға: н. Балҷувон, к. Марказӣ.
Тел: (+992) 93 453 33 53.

## Вилояти Суғд

- Ташкилоти ҷамъиятии «Солимӣ»

Суроға: ш. Хуҷанд, 34 мик-он, б.18, х.27.
Тел: (+992 ) 929299999;

- Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «Бузург»

Суроға:ш. Панҷакент, ҷ.Саразм, д. Нуристон.
Тел.: (+992 3475) 56072, 927079554.

- Ташкилоти ҷамъиятии маҳаллии вилояти Суғд «ДИНА»

Суроға: ш. Хуҷанд, микр. 27 (дар назди хонаи 6).
Тел: (+992 3422) 51214, 57189, 919457777;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Амали нек»

Суроға: ш. Хуҷанд, микр. 12, бинои 17 «Г».
Тел: (+992 3422) 24285, 2 42 65, 92 702 47 00;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Иқболи нек»

Суроға: н. Бӯстон, шаҳраки Бӯстон, к. Исмоили Сомонӣ, 48, х. 2.
Тел: (+992 3445) 21815, 928118701;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Аксон»

Суроға: ш. Хуҷанд, к. Ленин, х.4. Тел: (+992 3422) 42665;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Садоқат»

Суроға: ш. Истаравшан, к. Роҳи Ленин, х.12.
Тел: (+992 44) 6304531.

## Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

- Ташкилоти ҷамъиятии «Волонтер»

Суроға: ш. Хоруғ, к. Шоҳтемур, х.131/2, ҳ. 42.
Тел: (+9923522) 23574, 935006401;

- Ташкилоти чамъиятии «Гулобод»

Суроға: ш. Хоруғ к. Гагарин, 10 «А».
Тел.: (+9923522) 2-82-75, 2-81-39;

- Ташкилоти чамъиятии «Панҷ»

Суроға: ш. Хоруғ к. Иҷубов, 182.
Тел.: (+9923522) 2-77-44;

- Ташкилоти чамъиятии «Меҳр»

Суроға: ш. Хоруғ к. Имроншоев, 96.
Тел.: (+9923522) 2-81-09;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Мадина».

Суроға: ш. Хоруғ к. Ленин, 66.Тел.: (+9923522) 2-49-87, 93-555-47-36;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Нур».

Суроға: н. Шуғнон, ҷамоати Поршенев, с. Миденшор.
Тел: (+99) 93-502-83-48;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Амина»

Суроға: н. Рушон, м.н. Вомар.
Тел.: (+992) 935246631, 900506631;

- Ташкилоти ҷамъиятии ноҳиявии «Судманд»

Суроға: н. Рушон д.Н.Додхудоев, д.Барушан.
Тел.: (+992) 93-523-70-45;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Дӯстӣ»

Суроға: н. Мурғоб д. Аличур.
Тел.: 93-425-28-30;

- Ташкилоти ҷамъиятии вилоятии «Чашмаи Авҷ»

Суроға: н. Ишкошим, д. Ишкошим, к. Ленин 1.
Тел.: 21-1-91;

- Ташкилоти ҷамъиятии «Хайрандеш»

Суроға: н. Ишкошим, д.Ишкошим, к. Саломатшоев, 8.
Тел.: 21-2-27, 93-548-76-52.

Замимаи №6

Ба «Дастурамал оид ба тартиби амалигардонии чорабиниҳо оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд»

## ШАКЛИ РОҲХАТ

Барои равон намудани гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба хизматрасониҳои профилактикӣ, тиббӣ ва иҷтимоӣ

<table>
<tr><td colspan="2">Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон</td></tr>
<tr><td colspan="2">РОҲХАТИ №</td></tr>
<tr><td>Ному насаби мизоҷ</td><td></td></tr>
<tr><td>Мақсади равона:</td><td>Қайд бо Х</td></tr>
<tr><td>Табобати бемории нашъамандӣ</td><td></td></tr>
<tr><td>Табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон</td><td></td></tr>
<tr><td>Пешгирии бемории ВНМО (ивази сӯзандору ва ғайра)</td><td></td></tr>
<tr><td>Ташхиси бемории ВНМО</td><td></td></tr>
<tr><td>Дигар қайдҳо:</td><td></td></tr>
<tr><td>Ба куҷо:</td><td></td></tr>
<tr><td>Маркази наркологӣ:</td><td></td></tr>
<tr><td>Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО</td><td></td></tr>
<tr><td>Ташкилоти ҷамъиятӣ:</td><td></td></tr>
<tr><td>Дигар қайдҳо:</td><td></td></tr>
<tr><td>Кӣ:<br>Ному насаб ва вазифаи корманде, ки роҳхат навиштааст.</td><td></td></tr>
<tr><td>Имзои<br>Корманд</td><td></td></tr>
<tr><td colspan="2">Мӯҳри соҳтори ВКД, ки барои <u>гирифтани хизматрасонӣ мизоҷро равона карда аст</u></td></tr>
</table>

---------------------------------------------------------------------------

| | |
|---|---|
| Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| **ҚИСМИ БОЗГАШТИ РОҲХАТИ №** | |
| **Ному насаби мизоҷ** | |
| Намуди хизматрасонии пешниҳодшуда | |
| **Дар куҷо:**<br>Номи ташкилоте, ки хизматрасонӣ пешниҳод намудааст | |
| **Кӣ:**<br>Ному насаби корманде, ки хизматрасонӣ пешниҳод намудааст | |
| **Имзои**<br>Корманде, ки хизматрасонӣ пешниҳод намудааст | |
| Мӯҳри ташкилоте, ки хизматрасонӣ пешниҳод намудааст | |

Замимаи №7

Ба «Дастурамал оид ба тартиби амалигардонии чорабиниҳо оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд»

Шакли Созишнома

дар бораи ҳамкорӣ дар самти пешниҳод намудани хизматрасониҳои профилактикӣ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ

ш. _________ «___» _____ соли ____

Мо, ___________ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоти ҷамьиятии “_________”, минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд, Созишномаи мазкурро бо дарназардошти талаботи зерин имзо намудем:

**1. Мавзӯи Созишнома:**

1.1. Тарафҳо мақсад доранд, ки дар ҳамбастагӣ баҳри амалисозии Барномаи миллӣ оид ба муковимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумхурии Точикистон барои солҳои 2017-2020 (минбаъд-Барнома) дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намоянд.

**2. Вазифаҳои Созишнома:**

2.1. Баланд бардоштани маълумотнокии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар бораи мушкилоти иҷтимоӣ ва тиббӣ, вобаста ба истифодаи маводи мухаддир, сироятёбӣ ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО), бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ), сил, қоидаҳои санитарӣ ва гигиенӣ ва дигар бемориҳои сироятии дорои аҳамияти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.2. Таъмини хизматрасониҳои доимӣ дар доираи системаи роҳҳати намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, ки ба _______________ (зерсохторҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон) мурочиат менамоянд, вобаста ба хизматрасониҳои муассисаҳои соҳаи тандурустии давлатӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ “_____________” барои гирифтани кумакҳои тиббӣ-иҷтимоӣ ва профилактикӣ.

2.3. Равандҳои зерини фаъолиятро дар асоси ғайритиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамоянд:

2.3.1. Пешниҳод намудани хизматрасониҳои профилактикӣ ва иҷтимоӣ, машваратдиҳӣ ва ташхиси бемориҳои ВНМО, сил, гепатитҳои

вируси, табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон, табобати зиддиретровирусӣ, табобати бемории сил ва табобати бемории нашъамандӣ ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ бо истифодабарии системаи роҳхатдиҳӣ;

2.3.2. Гузаронидани чорабиниҳои тарғиботии муштарак дар соҳаи ҳифзи саломатӣ, дастрасии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ ва паст кардани тамға ва табъиз дар соҳаи ВНМО ва бемории сил.

**3. Ҳуқуқи Тарафҳо:**

3.1. Барои иҷрои вазифаҳои ба миён гузошташуда тибқи ин Созишнома Шарикон ҳуқуқ доранд ҳамаи ҳуҷҷатҳои оморӣ, иттилоотӣ, маърифатиро дар доираи Барномаи амалишавандаи якҷоя дастрас намоянд;

**4. Муҳлати амали Созишнома**

4.1.Созишномаи мазкур оид ба ҳамкорӣ аз рӯзи имзои Тарафҳо қувваи қонунӣ пайдо намуда, то ______ соли 20___ эътибор дорад.

4.2.Ҳамаи тағийрот ва иловаҳо ба Созишнома ба таври хаттӣ ва бо тасдиқи ҳамаи Тарафҳо ворид мешаванд.

4.3. Амалишавии Созишномаи мазкур боз ба як соли дигар беихтиёр тамдид мегардад, ба шарте, ки ҳеҷ яке аз Тарафҳо ба таври хаттӣ оиди бекор намудан як моҳ пеш аз ба итмомрасии мӯҳлати амалишавии он ариза пешниҳод накунанд.

Имзои иштирокчиёни Созишнома

Вазорати корҳои доҳилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ташкилоти ҷамъиятии “_______” шаҳри

Замимаи № 8

Ба «Дастурамал оид ба тартиби амалигардонии чорабиниҳо оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд»

**Расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ дар ҳолати аз меъёр зиёд истеъмол намудани опиоидҳо (маводи нашъадор (афюн))**

Аз меъёр зиёд истеъмол намудани опиоидҳо (гурӯҳи моддаҳое, ки ба он героин ва афюн – «ханка» дохил мешаванд), ҳамон лаҳзае рӯҳ медиҳад, ки инсон маводи нашъадорро аз меъёре, ки бадани одам ба он муқовимат карда тавонад бештар ё бо дигар маводи ба майнаи сар зуд таъсиркунанда (психоактивӣ (аз ҷумла маводи спиртӣ)) якҷоя истифода мебарад. Оқибат майнаи инсон функсияҳои асосии ҳаётиро ба таври зарурӣ таҳти назорат қарор дода наметавонад. Агар ба зарардида ёрии саривақтӣ расонида нашавад, он метавонад ба марг оварда расонад.

Омилҳои асосии хавфи аз меъёр зиёд истеъмол намудани опиоидҳо инҳоянд:

- сифати/қуввати номаълуми таъсири маводи нашъадор;
- паст кардани тобоварии истифодаи маводи нашъадор бинобар сабаби бад будани вазъи саломатӣ ё танаффус дар истеъмоли он;
- гузаштан ба тарзи тазриқии истифодаи нашъа бе паст кардани меъёри он (масалан: агар одам то ин вақт нашъаро ба воситаи бинӣ истифода карда бошад ё ҳамчун сигор кашида бошад);
- дар як вақт истифода бурдани ҳам нашъа ва ҳам маводи спиртӣ.

Аломатҳои аз меъёр зиёд истифода бурдани опиоидҳо:

- зуд танг шудани мардумаки чашм;
- хоболудӣ, беҳолӣ;
- паст шудани пайдарҳамии нафаскашӣ;
- паст шудани таппиши дил;
- қайкунӣ;
- беҳушшавӣ;
- сафедшавии пӯст, ранги кабудчатоби лабҳо ва нохунҳо;
- хирроси нафаскашӣ.

Агар одам нафас накашад, нафасгир шавад ё ранги пӯсти вай кабудчатоб гардад, ба ӯ ёрии таъҷилии тиббӣ лозим аст. Шумо бояд чунин рафтор намоед:

1. Ёрии таъҷилиро даъват намоед

Агар имконият бошад, аз ягон кас хоҳиш намоед, ки ёрии

таъчилии тиббиро даъват намояд ва худатон бо зарардида сарукор намоед. Ҳангоми даъват кардани ёрии таъчилӣ суроғаи аниқро гӯед (кӯча, рақами хона ва ҳуҷра), нишонаҳои наздиктаринеро номбар кунед, ки ёфтани зарардидаро метезонад (биноҳои шинохта, кинотеатр, мағоза ва ғ.), аз кадом кӯча омадан, рамзи дари даромадгоҳро фаҳмонда диҳед. Нақлиёти ёрии таъчилиро агар дар кӯча интизор шуда, то пеши зарардида ягон кас гусел намояд, беҳтар аст.

**2. Роҳҳои нафаскаширо озод намоед**

Даҳони зарардидаро кушода, роҳҳои нафаскаширо аз назар гузаронед. Бо дастпӯшак ё ин ки нарангуштро бо даструмол печонда забони ӯро кашида роҳҳои нафаскаширо аз оби даҳон ва қайд тоза кунед. Агар зарардида нафас кашад, бадани ӯро ба «ҳолати барқароркунӣ» гузаронед. Агар ӯ нафас накашад, ба банди 4 - «эҳёи кори шуш» гузаред.

**3. Ҳолати «барқароркунӣ»**

Як дасти зарардидаро аз оринҷ қат карда, ба китфаш гузоред. Як пойи зарардидаро қат карда ба бадан наздик кунед. Зарардидаро ба як паҳлу чунон хобонед, ки сараш дар болои дасти қаткардашуда ояд ва ба замин нигоҳ кунад.



1.



2.



3.



4.

**4. Эҳёи кори шуш**

1. Шахсро дар болои ягон чизи сахт (фарш, замин) ба таври уфуқӣ ба пушт хобонед.

2. Бо як даст аз паси сари одам дошта сарро ба қафо хам намоед ва манаҳи ӯро ба пеш бароред. Дар зери гардан ягон чизи мулоимро гузоред (масалан, сачоқ, либоси ҷамъкардашуда).

3. Бинии зарардидаро бо даст маҳкам карда чуқур нафас кашед. Минбаъд бо истифода аз даструмол лабҳоятонро ба лабҳои зарардида зич часпонда ба даҳони ӯ ҳаво равона кунед. Агар шумо ин корро дуруст иҷро намоед, аз рӯи воридшавии ҳаво пасту баландшавии қафаси синаи зарардидаро дида метавонед.

4. Пеш аз танаффус кардан дар фосилаи 3-4 сония на камтар аз 5 маротиба ба шуши одам ҳаво равон намоед ва нигоҳ кунед, ки одам мустақилона нафас мегирад ё не.

Нафасдиҳии сунъиро то он ҳолате, ки шахс мустақилона нафас намегирад, идома диҳед. Агар лабҳо ва ангуштони одам ранги кабудчатоб гирифта бошанд, дар ҷараёни нафасдиҳии сунъӣ ба ранги муқаррарӣ бармегарданд. То омадани мутахассисони тиббӣ ба нигоҳ доштани ҳолати қобилияти ҳаётии бадан идома диҳед.

Налоксон – ҳамчун маводи аввалини ёрии таъҷилӣ дар ҳолати аз меъёр зиёд истеъмол намудани опиоидҳо ба ҳисоб меравад. Ин дору зуд таъсири героинро паст намуда, нафаскаширо барқарор менамояд ва шахсро ба ҳуш меорад.

**Тартиби истифодаи налоксон**

1. Ампулаи налоксонро кушоед; агар налоксон дар шишача бошад, сарпӯши пластикавии онро кушоед;
2. сӯзандоруи навро гирифта, онро кушоед, агар сӯзандоруи нав набошад, аз сӯзандоруе, ки ҷабрдида истифода бурдааст, истифода баред;
3. ба сӯзандору миқдори 1 миллилитр (мл.) маҳлули налоксонро гиред;
4. барои фиристонидани дору ҷойро интихоб намоед. Ба дохили мушаки китф ва ё сон гузаронидани дору ба осонӣ ва зудтар мебошад (қисми пушти китф ва қисми пеши сон) вақтро барои гузаронидани дору ба дохили рагҳои хунгард сарф накунед;
5. ҷои интихобшудаи баданро бо маҳлули алкоголӣ тоза намоед. Агар маҳлули алкоголӣ набошад, бо сачоқи тозаи тар тоза намоед;
6. 2/3 қисми сӯзанро ба мушак ворид кунед;
7. ним ҳиссаи (0,5 мл.) маҳлули налоксонро ба мушак фиристонед.

Агар шахси ҷабрдида баъд аз 10-15 сония ба ҳуш наояд, маҳлули боқимондаро (0,5 мл) ворид намоед;

8. агар зарардида нафас накашад, ба ӯ нафасдиҳии сунъиро гузаронед, то даме, ки дору таъсир намояд (одатан аз 1 то 3 дақиқаро дар бар мегирад);

9. агар баъд аз 3 дақиқа ягон тағйирот мушоҳида накунед, метавонед боз 0,5 мл. маҳлули налоксонро ворид намоед;

10. агар зарардида нафаскашии мустақилонаро сар кунад, ӯ метавонад нишонаҳои қать намудани истеъмоли маводи мухаддирро («ломка») ҳис намояд ва ба ғазаб ояд шумо оромона ба ӯ ҳодисаи рухдодаро фаҳмонед;

11. шахси зарардидаро танҳо нагузоред, чунки баъд аз тамом шудани таъсири налоксон ӯ метавонад боз беҳуш шавад, аз истеъмоли маводи мухаддир ӯро боздоред: ба ӯ фаҳмонед, ки дар муддати як чанд вақт баъд аз қабули налоксон героин ба ӯ таъсир намекунад, балки баъд аз як соат боз ҳолати аз меъёр зиёд ба вуҷуд меояд;

Налоксон маводи безарар ба ҳисоб меравад, аммо ҳангоми зуд ворид намудани маҳлул метавонад қайкунӣ, таппиши сахти дил, кашидани мушакҳо, ларза, арақкунии зиёд, хориш ва ғайра ба вуҷуд ояд. Яке аз ин нишонаҳо ба инкишофи қать намудани истеъмоли маводи мухаддир вобаста мебошад ва баъд аз 1-2 соат ба итмом мерасанд. Беҳбудии налоксон дар он аст, ки хатари нодуруст истифодаи он ниҳоят кам мебошад, азбаски худи маҳлул ба организми одаме, ки опиоидҳо дар хун надорад, таъсир намекунад ва дар бозор талабот надорад.

## Мақоми маводи налоксон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар Тоҷикистон мувофиқи қонун налоксон ба рӯйхати маводе, ки дар таҳти назорат мебошанд, дохил намешавад. Аммо мавод ба гурӯҳи доруҳое, ки ба иҷозати духтур ба фурӯш меравад, дохил мешавад. Мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, «дорухат барои маводи доруворӣ аз тарафи духтури муолиҷавӣ, аз он ҷумла духтури шахсӣ ё мутахассис, ки иҷозатнома барои фаъолияти тиббӣ дорад, дода мешавад»[1].

Харид, захира ва паҳн намудани маводи Налоксон мувофиқи қонун ҳамчун фаъолияти фармацевтӣ, бо гирифтани иҷозатнома, ба назар гирифта шудааст.

---

[1] Муқарар «Оиди навиштани дорухат барои маводи доруворӣ ва фурӯши онҳо дар духонаҳои ҶТ», ВТ, № 380, 23 декабри соли 2002.

Замимаи № 9

Ба «Дастурамал оид ба тартиби амалигардонии чорабиниҳо оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва беморӣи пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд»

## Луғати истилоҳоте, ки дар барномаҳои пешгирии ВНМО истифода бурда мешаванд

**Аутрич-корҳо** – ин пешниҳод намудани хизматрасониҳои пешгирикунӣ дар шароитҳои ба намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ муқаррарӣ мебошад, «дар ҳудуди онҳо» (дар он ҷое, ки онҳо зиндагӣ мекунанд ва бештар ҷамъ меоянд). Аутрич-корҳо ба фаро гирифтани гурӯҳи мушкил дастрасшавандаи аҳолӣ бо чорабиниҳои пешгирикунӣ имконият медиҳад. Аутрич-кормандон (намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ низ шуда метавонанд) чунин корҳоро ба сомон мерасонанд:

- пешниҳод намудани иттилоот оид ба пешгирии ВНМО ва дигар бемориҳои сироятӣ;
- пешниҳод намудани маълумот дар бораи ташкилоту муассисаҳое, ки дар самти ВНМО ва БПНМ фаъолият мекунанд;
- рифолаҳо пешниҳод менамоянд;
- сӯзандоруҳои тамъизшуда ва дигар асбобҳои тазриқӣ пешниҳод мекунанд.

**Бисексуалӣ** – равиши шаҳвонӣ, шавқи ҳиссиётӣ, романтикӣ ва ҷинсӣ ҳамчун ба шахси ҷинсии худ ва шахси ҷинсии муқобил мебошад, на ҳама вақт бо дараҷаи якхела ва на ҳама вақт яку якбора.

**Бемориҳое, ки тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда** (минбаъд-БТҶГ). Бемориҳои сироятие, ки аксаран дар мавриди алоқаи ҷинсии ҳифзнашуда (бе истифода аз рифола) мегузаранд. Ба инҳо сифилис (оташак), сӯзок, трихомониаз, сирояти ВНМО, вируси гепатитӣ (қубод) «В» ва ғайра дохил мешаванд. Пешгирии БТҶГ - ин худдорӣ кардан аз алоқаи ҷинсӣ, садоқат бо як тан ва истифода бурдани рифола дар ҳар як алоқаи ҷинсӣ. Бештари беморони БТҶГ муолиҷашаванда мебошанд. Муолиҷаи чунин беморон бояд танҳо таҳти назорати духтурони пӯст ва узвҳои танносул (дематовенерологҳо) дар муассисаҳои тиббии махсусгардонидашуда гузаронида шаванд. Муолиҷа накардани беморӣи БТҶГ ба мушкилиҳои зерин оварда мерасонад: безурриётии зану мард, ҳомиладории норасид, бемориҳои онкологӣ ва ғайра. Бемориҳои БТҶГ хавфи сирояткунии ВНМО-ро метезонад. Бисёр беморони БТҶГ ба пайдо шудани ҷароҳат, захм ва ғайра оварда мерасонад, ки барои ВНМО замина шуда метавонанд.

**ВНМО** - вируси норасоии масунияти одам мебошад. ВНМО маркази ҳуҷайраи худро (РНК) ба маркази ҳуҷайраи инсон (ДНК) ворид менамояд, аз ин сабаб ҳуҷайраи инсон фаъолити худро ба тавлиди вирус равона мекунад. Агар табобати зиддивирусиро инсон қабул накунад, онгоҳ бемории пайдошудаи норасоии масуният инкишоф меёбад.

**Гей** – марде, ки худро гомосексуал меҳисобад.

**Гетеросексуалӣ** – равиши шаҳвонӣ, шавқи ҳиссиётӣ, романтикӣ ва ҷинсӣ ба шахси ҷинсии муқобил мебошад. Шахси гетеросексуалиро «гетеросексуал» меноманд.

**Гендер** – ин ҷинси иҷтимоӣ, ки рафтори шахсро дар ҷамъият муайян мекунад ва чӣ тавр ин рафтор қабул мешавад. Ин чунин рафтори ҷинсӣ мебошад, ки муносибати шахсро бо дигар шахсон муайян менамояд: бо рафиқон, ҳамкорон, ҳамсинфон, падару модар, бо шахсони бегона ва ғайра. Гендер (ҷинси иҷтимоӣ) бо ҷинсӣ биологӣ на ҳама вақт мувофиқат мекунад.

**Гомосексуалӣ** – шавқи шаҳвонӣ, ҳиссиётӣ ба намояндагони ҷинсии худ ҳамчун шарики шаҳвонӣ. Равиши гомосексуалӣ – шавқи шаҳвонӣ ба шахси ҷинсии худ. Мутобиқати гомосексуалӣ - фаҳмидани худ ҳамчун шахси гомосексуалӣ ва рафтори гомосексуалӣ намудан. Гомосексуалӣ метавонад мардона ва занона бошад (гомосексуалии занонаро лесбиянство меноманд).

**Илтиҳоби ҷигар (гепатит)** – ин варами шиддатноки ҷигар мебошад, ки дар натиҷаи сирояти вирус, истеъмоли аз ҳад зиёди моводи алкоголӣ ва маводҳои доруворӣ пайдо мешавад, ва дар ҳолати табобат накардани он ба шакли музмин мубадал шуда, ба сирроз ва саратони ҷигар оварда мерасонад. Чор намуди асосии гепатитҳои вирусӣ мавҷуд аст: Гепатити А, ки бо роҳи ахлоту даҳон, яъне ба воситаи об ва моводи хӯрокаи ношуста сироят мекунад. Гепатити А одатан баъд аз як моҳ табобат мешавад, ва баъд аз он масунияти доимӣ инкишоф меёбад; Гепатити В бо роҳи алоқаи ҷинсӣ ва ба воситаи хун сироят мекунад; Гепатити С ба воситаи хун сироят мекунад. Пешгирии гепатити А – риояи коидаҳои гигиена (шустани дастон бо собун баъд аз қазои ҳоҷат ва пеш аз истеъмоли хӯрок) ва назорат нисбат ба тозагии маводҳои хӯрока ва об. Пешгирии гепатитҳои В, С – истифодаи рифолаҳо ва сӯзандоруҳои тоза барои инексия.

**Ивази (мубодилаи) сӯзандору** – хизматрасоние, ки ба истеъмолкунандагони моводи нашъадори тазриқи пешниҳод карда мешавад. Нашъаманд имконияти бепул ба сӯзандоруи нав иваз кардани сӯзандорӯи истифодакардаро дорад. Дар ҷараёни пешниҳод намудани сӯзандоруҳои тамъизшуда истеъмолкунандагони инексионии моводи

нашъадори тазрикӣ оид ба паст кардани хавфи марбут ба истифодаи нашъа ва дар бораи ташкилоте, ки ёрии иҷтимоӣ ва тиббӣ пешниҳод менамоянд, маълумот мегиранд. Вазифаҳои иваз намудани сӯзандору:

- аз гардиш баровардани сӯзандоруҳои истифодашуда ва инфексионии хавфнок;
- ҷалби истеъмолкунандагони инексионии маводи нашъадори тазрикӣ ба барномаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, офияти шахсони мубталои нашъа ва ғайра.

**Инфексияҳои ҳамроҳикунанда (оппортунистические инфекции)** – инфексияҳо/бемориҳои сирояткунанда дар шахсе, ки системаи масунияти паст дорад, ба воситаи микроорганизмҳое, ки одатан барангезандаи беморӣ намебошанд, инкишоф меёбад. Қадре зиёде чунин микроорганизмҳо дар бадани инсон мавҷуд ҳастанд, балки барангезандаи беморӣ фақат дар ҳолати паст шудани системаи масуният шуда метавонанд.

**Истеъмолкунандаи маводи нашъадор** – шахсе, ки маводи нашъадорро истеъмол мекунад.

**Коркуни шаҳвонӣ** – шахсе, ки ба ивази музд хизмати шаҳвонӣ мерасонад.

**Кӯмаки иҷтимоӣ** – ин усули кор бо намояндагони осебпазири аҳолӣ ба таъмин кардани дастрасии усулҳои пешгирикунии ВНМО, муолиҷа ва дастгирикунӣ имконият медиҳад. Мутахассис оид ба ҳамроҳикунӣ ба муштарӣ дар ҳалли ҳолати ба миёномада, ба муайян кардани мушкилоти афзалиятнок ва тарзи дастраси ҳалли ин мушкилотро муайян намудан ёрӣ мерасонад. Пас аз ин ба муштарӣ имконияти гирифтани хизматрасониҳои мушаххас пешниҳод карда мешавад, ки бо ин роҳ онҳо сатҳи зиндагии худро баланд мебардоранд.

**Масуният (иммунитет)** – таъсирнопазирии организм ба агентҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ: бактерияҳо, вирусҳо, захрҳо ва дигар маводҳое, ки ба организм бегона мебошанд. Масуният ду намуд мешавад – масунияти модарзод ва пайдошуда дар давоми ҳаёт. Масунияти модарзод бо насл мегузарад. Масунияти пайдошуда ҳангоми гирифтори беморӣ ва ё эмкунӣ ба вуҷуд меояд ва ба насл намегузарад.

**Маводи нашъадор (нашъа)** – моддаҳои ба майнаи сар зуд таъсиркунанда, ки ба рӯйхати давлатии воситаҳои нашъадор ворид карда шудаанд.

**Мубталои (гирифтори) нашъа** – шахсе, ки аз вобастагии ягон хел маводи нашъа азият мекашад ва бо тартиби муқаррарнамудаи муассисаи

тиббӣ ташхиси «Парешонии асабӣ ва ахлоқии марбут ба истифодабарии ягон намуди маводи нашъадор (МКБ-Х) ё дар таснифҳои пешина бемории «Наркомания»» муқаррар карда шудааст.

**Моддаҳои зудтаъсиркунанда -** моддаҳое, ки метавонанд ҳолати рӯҳии инсон ва мубтало гаштани ӯро тағийр диҳанд. Ба модаҳои зудтаъсиркунанда нӯшокиҳои спиртӣ, тамоку, қаҳва, бангдонаҳои тавлидшаванда (масалан, марихуанна), опиоидҳо (масалан героин) ва ғайра дохил мешаванд.

**Опиоидҳо** – гурӯҳи маводи нашъадор, ки аз моддаҳои таъсиррасони растанӣ ва синтетикии афюн тайёр карда мешаванд (маҳсулоти аз кӯкнор коркардшуда). Ба опиоидҳо инҳо дохил мешаванд: героин, «ханка», морфин, омнопон, промедол, фентанил ва ғайра.

**Паст гардидани масуният (иммунодефисит)** – ҳангоме, ки системаи масуният наметавонад вазифаи худро иҷро намояд. Дар ин ҳолат муқовимати организм ба инфексияҳо суст мешавад ва эҳтимоли инкишофи бемориҳое, ки ҳангоми мустаҳкам будани масуният суръат гирифта наметавонанд, зиёд мешавад (ба инфексияхои оппортунистӣ нигоҳ кунед).

**Паст кардани зарар** – ин наздикшавии прагматикӣ оид ба паст овардани оқибатҳои манфии марбут ба истифодаи маводи нашъадор. Фаъолияти паст кардани зарар ба самти пешгирӣ ва муолиҷаи бемориҳои сироятӣ ва дигар бемориҳо (ВНМО, гепатит (қубод), сил, инфектсияҳое, ки ба воситаи алоқаи ҷинсӣ мегузаранд, бемории зуҳравӣ ва ғайра); пешгирии аз меъёр зиёд истифодабарӣ; паст кардани оқибатҳои иҷтимоии истифодабарии нашъа, ба монанди камбағалӣ, криминал ва ғайра ҳифзи ҳуқуқҳои нашъамандон равона карда шудааст. Дар асоси принсипҳои кории паст кардани зарар барномаҳои ивазкунии сӯзандору ва табобати ҷойивазкунанда фаъолият менамоянд.

**Поймолкунии ҳуқуқ (дискриминатсия)** – ин поймол кардани ҳуқуқҳои инсон бо сабаби ягон аломат мебошад. Поймолкунии ҳуқуқ вобаста ба ВНМО – ин вайрон кардани ҳуқуқҳои шахсони мубталои ВНМО (ЛЖВ) вобаста ба бемории онҳо мебошад. Масалан, агар одамро аз кор озод мекунанд, ба муассисаи таълимӣ дохил шудан намемонанд ё аз расонидани ёрии тиббӣ даст мекашанд, танҳо ба хотири он, ки шахс бо ВНМО сироят ёфтааст.

**Синдром** – маҷмӯи нишонаҳо ё бемориҳо мебошад, ки бо инкишофи як беморӣ мебошад. Масалан, ҳангоми мубталои ВНМО ва нагузаронидани муолиҷа, маҷмӯи бемориҳои пайдошудаи норасоии масуният инкишоф меёбад, ки вобаста аз паст шудани системаи масуният мебошад.

**Сироят (инфексия)** – ҳолате, ки ба организм моддаи бегона дохил шуда (бактерия, занбуруғ ё вирус), барангезандаи беморӣ мешавад (сирояти фаъол).

**Системаи масуният** – маҷмӯи узвҳо ва ҳуҷайраҳо, ки ҳифзи организмро аз агентҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ таъмин менамояд: бактерияҳо, вирусҳо, заҳрҳо ва дигар маводҳое, ки ба организм бегона мебошанд. Ба узвҳои асосии системаи масуният мағзи устохон, ғадудҳо, испуҷ дохил мешаванд. Системаи масуният моддаҳои бегонаро аввал ёфта, баъд онро нобуд мекунад ва дар «ҳофизаи» худ ин амалро нигоҳ медорад, ҳангоми вохурии дукарата бо ин модда, ӯро ба зуддӣ безарар менамояд.

**Табобати ҷойивазкунанда** – дар асоси таъиноти духтур барои қабул намудан таҳти назорати тиббӣ ба одамоне, ки аз моддаҳои психотропӣ вобаста мебошанд, пешниҳод намудани моддаҳое, ки ба моддаи сабабгори ин вобастагӣ гардида наздик мебошанд. Табобати ҷойивазкунандаи опиоидҳо – ин ба одами мубталои опиоидҳо (масалан – аз героин) пешниҳод намудани опиоиди аз тарафи духтур пешниҳод кардашуда (масалан, метадон).

Вазифаҳои терапияи ивазкунандаи опиоидӣ:

- пешгирии истеъмоли аз меъёр зиёд;
- паст кардани хавфи сирояткунии ВНМО ва дигар инфексияҳое, ки ба воситаи хун мегузаранд. Доруҳо барои терапияи ивазкунанда (метадон, бупренорфин) ба воситаи даҳон дар намуди ҳаб ё шарбат қабул карда мешаванд;
- пешгирикунии ҳуқуқвайронкунӣ (декриминализатсия). Ба инсон барои дарёфти маводи нашъадор зарурати вайрон кардани қонун намемонад;
- иҷтимоикунонии истеъмолкунандагони маводи нашъадор. Ба шахсе, ки доимо барои дарёфти маводи нашъадор зарурат надошта бошад, имконияти барқарор/барпо кардани оила, гузаштани омӯзиш ё ба кор даромаданро пайдо менамояд.

**Тамғазанӣ (стигматизатсия)** – паст задани шаъни инсон бо сабаби ягон аломат. Масалан, вобаста ба ВНМО – вақте, ки шахс бинобари он, ки ӯ гирифтори ВНМО аст, одами бад ва носазо ҳисоб карда мешавад. Стигматизатсия дар гуфтори нафратовар, таҳқиромез, ғазаболуд ё имову ишора нисбат ба шахси стигматизатсияшуда аён мегардад. Стигматизатсияи ВНМО ба рушди паҳншавии сирояти ВНМО мусоидат мекунад, чунки одамон аз тарси он, ки бадном шуда дар зери маломат мемонанд, барои маълумот ва ёрӣ муроҷиат намекунанд.

**Ташкилоте, ки дар самти ВНМО ва БПНМ фаъолият менамояд** – ташкилоти тиббӣ, иҷтимоӣ ва дигар ташкилоте, ки дар самти пешгирии ВНМО ва табобат, дастгирӣ, ногоҳубини шахсони мубталои ВНМО фаъолият дорад.

Рӯйхати тақсимоти «Дастурамал оид ба амалигардонии чорабиниҳо дар самти муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) дар байни ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд», ки бо Фармоиши ВКД №760 аз «23» ноябри соли 2018 тасдиқ карда шудааст.

ВКД (Дастгоҳи марказӣ) – 100 нусха; РВКД-и ВМКБ – 100 нусха;

РВКД-и Рашт – 100 нусха;

РВКД-и Хатлон – 300 нусха;

РВКД-и Суғд – 300 нусха;

РВКД-и минтақаи Кӯлоб – 100 нусха.

Ҳамагӣ 1 000 нусха.

Сардори Раёсати тиббии ВКД ҶТ,
полковники хизмати дохилӣ _______________Рустамзода Х.М